ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Сафарзода Д.Ҷ.

« » ____________ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзӯи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳалли Ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон) » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D 05.09.00 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда**

Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзӯи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳалли Ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон) » таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D 05.09.00 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ва бандҳои нишондодашудаи: 1.5; 2.1; 2.3; 2.8 мувофиқат мекунад.

**2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти ма ҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз самтҳои калидии татбиқи сиёсати молиявию буҷетии давлат ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, таъмини устувории буҷетҳои маҳаллӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мебошад. Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ, масъалаи таҳкими худмухтории молиявии мақомоти маҳаллӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, аҳамияти махсус касб намуда, бевосита ба самаранокии идоракунии молияҳои ҷамъиятӣ ва қобилияти мақомоти маҳаллӣ барои иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоиву иқтисодии худ вобастагӣ дорад.

Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои калидии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори назарраси иқтисодӣ, захираҳои табиӣ, имкониятҳои бузурги кишоварзӣ ва аҳамияти баланди иҷтимоӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, рушди устувори минтақа то андозае аз сатҳи ташаккул ва самаранокии идоракунии молияи маҳаллӣ вобаста мебошад. Дар чунин шароит, такмили механизмҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои молиявии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад омили муҳими баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ гардад.

Мавзӯи диссертатсия бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», инчунин сиёсати давлатии ислоҳоти молияи давлатӣ ва таҳкими идоракунии буҷетӣ мутобиқ буда, масъалаҳои муҳими тақвияти пойгоҳи даромадии буҷетҳои маҳаллӣ, баланд бардоштани шаффофият ва масъулияти молиявӣ, инчунин такмили механизмҳои байнибуҷетиро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, таҳлили идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ дар мисоли вилояти Хатлон метавонад ҳамчун намунаи амалии такмили сиёсати молиявии минтақавӣ хизмат намояд.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои ташаккул ва амалисозии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мавқеи илмӣ таҳлил гардида, камбудиҳои мавҷуда дар низоми идоракунии молияи маҳаллӣ, омилҳои маҳдудкунандаи самаранокӣ ва захираҳои истифоданашуда муайян карда шудаанд. Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти маҳаллӣ кӯшиш намудааст, ки заминаҳои назариявию методологии такмили механизми идоракунии молияи маҳаллиро таҳким бахшида, пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ-амалиро асоснок намояд.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Навгониҳои илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсияи мазкур дар шароити муосири рушди илми иқтисодӣ ва амалияи идоракунии давлатӣ ба таҳкими заминаҳои назариявию методологӣ ва такмили ҷанбаҳои амалии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ равона гардида, ба баланд бардоштани иқтидори молиявӣ, самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ ва устувории рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон, мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар таҳияи сиёсати молиявию буҷетии минтақавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Муҳимтарин навгониҳои илмии ин таҳқиқот иборатанд аз:

– Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ ба таври низомнок ҷамъбаст гардида, мафҳуми «идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз нуқтаи назари равиши муосири иқтисодӣ дақиқ карда шудааст. Муаллиф онро ҳамчун маҷмӯи усулҳо, абзорҳо ва механизмҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи самаранокӣ захираҳои молиявӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии мақомоти маҳаллӣ тавсиф намудааст.

-Равишҳои методии илман асоснокшуда оид ба арзёбии самаранокии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ таҳия ва пешниҳод карда шудаанд, ки дар онҳо истифодаи усули барномавӣ-мақсаднок дар идоракунии буҷети маҳаллӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани натиҷагирии хароҷоти буҷетӣ ва шаффофияти молиявӣ асоснок намудааст.

-Дар асоси таҳлили амиқи ҳолати иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, сатҳ ва тамоюлҳои рушди буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардида, нақши онҳо дар низоми молиявии минтақавӣ ва дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа муайян карда шудааст. Ҳамзамон, камбудиҳо ва маҳдудиятҳои мавҷуда дар ташаккул ва истифодаи қисми даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ ошкор аз намуда аст.

- Муайян карда шудааст, ки самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ аз маҳдуд будани пойгоҳи даромадии буҷетҳо, вобастагии баланд аз трансфертҳои байнибуҷетӣ ва сатҳи пасти худмухтории молиявӣ таъсир мегирад. Дар ин замина, зарурати такмили механизмҳои байнибуҷетӣ ва тақвияти манбаъҳои дохилии даромади буҷетҳои маҳаллӣ асоснок карда аст.

- Усули мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ таҳия намуда аст, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ пешниҳод карда аст. Ин усул имкон медиҳад, ки натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии хароҷоти буҷетӣ мунтазам арзёбӣ ва қарорҳои идоракунӣ сари вақт ислоҳ карда шаванд.

-Дар натиҷаи таҳқиқ маҷмӯи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ коркард шудааст, ки онҳо ба баланд бардоштани шаффофият ва масъулияти молиявӣ, беҳтар намудани банақшагирии буҷетӣ, тақвияти худмухтории молиявии мақомоти маҳаллӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон равона гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, навгониҳои илмии диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳияи

қарорҳои сиёсати молиявию буҷетии давлатӣ, такмили идоракунии молияи маҳаллӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи молияи давлатӣ ва минтақавӣ истифода карда шавад.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраротҳи илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Дар ҷараёни таҳқиқ ва ҳаллу фасли масъалаҳои илмии баррасишуда, муаллифи диссертатсия равишҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқотиро ба таври мақсаднок интихоб ва татбиқ намудааст, ки онҳо имкон медиҳанд масъалаҳои идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, хусусан дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, ба таври амиқ ва ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд. Ин равишҳо имконият фароҳам оварданд, ки ҷараёнҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои молиявии маҳаллӣ, инчунин самаранокии механизмҳои амалкунандаи буҷетӣ ва байнибуҷетӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гиранд.

Асоснокӣ ва саҳеҳии хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар рисола таҳияшуда бо истифодаи васеи сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва маълумоти омории расмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз мероси илмии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои молияи давлатӣ, идоракунии буҷет, иқтисоди минтақавӣ ва сиёсати молиявӣ ба таври эҷодкорона ва таҳлилгарона истифода намуда, мавқеи илмии худро бо далелҳои муътамад асоснок кардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи васеи усулҳои илмӣ татбиқ гардидааст, ки ба таҳлили бисёрҷанбаи масъала мусоидат намудааст. Аз ҷумла, усули диалектикӣ барои ошкор намудани қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди молияи маҳаллӣ; усулҳои таҳлили сохторию функсионалӣ барои арзёбии сохтори даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ; усули муқоисавӣ ва омилӣ барои муайян намудани фарқиятҳои идоракунии молияи маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон; усулҳои мантиқӣ ва системавӣ барои таҳлили робитаи байни захираҳои молиявӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ; инчунин усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усулҳои оморӣ ва экспертӣ барои таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ истифода шудаанд. Илова бар ин, унсурҳои моделсозии иқтисодӣ дар арзёбии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Мазмун ва муҳтавои рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф масъалаи таҳқиқотро ба таври мустақилона ва мунтазам баррасӣ намуда, маълумоти омориро мувофиқ ба ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот ҷамъоварӣ, таҳлил ва ба таври мантиқӣ низомбандӣ кардааст. Ҳамаи хулосаҳои илмӣ ва

пешниҳодҳои амалӣ натиҷаи таҳлили мукаммал ва асосноки маводи назариявӣ ва амалӣ буда, байни онҳо робитаи мантиқӣ ва пайдарпайӣ пурра риоя шудааст.

Дар маҷмӯъ, дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироашуда ба сатҳи баланди илмии кор гувоҳӣ дода, нишон медиҳанд, ки онҳо метавонанд ҳамчун асоси боэътимод барои такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин барои таҳияи қарорҳои сиёсати молиявию буҷетӣ дар сатҳи маҳаллӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон, мавриди истифода қарор гиранд.

**5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 187 саҳифа, аз ҷумла 27 ҷадвал, 15 расм, 7 диаграмма ва 166 рӯйхати адабиётро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва аҳаммияти мавзӯи диссертатсия бо такя ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, сиёсати рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва ислоҳоти низоми буҷетӣ ба таври муфассал асоснок гардидааст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки дар шароити муосир баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, хусусан дар сатҳи вилояти Хатлон, яке аз шартҳои калидии таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебошад (саҳ. 4-6).

Дар муқаддима инчунин дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос равшан ва бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ мувофиқ баён гардидааст (саҳ. 6 -11).

**Боби якум (саҳ. 12-67)** Дар боби аввал муаллиф **асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллиро** дар заминаи равияҳои классикӣ, институционалӣ ва муосири илми иқтисод таҳлил мекунад. Дар зербоби 1.1 мафҳуми идоракунии молияи давлатӣ дар осори олимони маъруфи хориҷӣ ва ватанӣ (У. Петти, А. Смит, Д. Норт, В.В. Михеев, олимони тоҷик) баррасӣ гардида, тафовут ва умумиятҳои равишҳои илмӣ нишон дода шудаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ муаллиф **таърифи муаллифии идоракунии молияи давлатӣ**-ро пешниҳод менамояд, ки навгонии илмии таҳқиқотро инъикос мекунад (саҳ. 17-19).

Дар зербоби 1.2 **таснифи механизмҳо ва принсипҳои идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** таҳлил шуда, нақши буҷетҳои маҳаллӣ ҳамчун пояи молиявии рушди минтақаҳо асоснок мегардад. Муаллиф нишон медиҳад, ки мақомоти маҳаллӣ на танҳо иҷрокунандагони сиёсати марказӣ, балки субъекти фаъоли идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд (саҳ. 30-46).

Зербоби 1.3 ба **муносибатҳои методии арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ** бахшида шуда, дар он усули **барномавӣ-мақсаднок**, мониторинг ва арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ ҳамчун абзорҳои калидӣ пешниҳод мегарданд (саҳ. 47-67).

**Боби дуюм (саҳ. 68–117).** Дар боби дуюм муаллиф **ҳолати муосири рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон** ва фаъолияти амалии механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллиро таҳлил менамояд. Дар зербоби 2.1 нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ, сатҳи шуғл, сармоягузорӣ ва ҷойгоҳи вилояти Хатлон дар низоми иқтисоди миллӣ таҳлил карда шудаанд (саҳ. 68–84).

Дар зербоби 2.2 **вазъи ташаккулёбии қисми даромади буҷети маҳаллӣ** арзёбӣ гардида, мушкилоти вобастагӣ аз манбаъҳои танзимшаванда, нокифоягии даромадҳои худӣ ва маҳдудияти истиқлолияти молиявӣ ошкор карда мешаванд (саҳ. 85-97).

Зербоби 2.3 ба **таҳлили амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ** бахшида шуда, нишон дода мешавад, ки гарчанде дар соҳаи иҷтимоӣ афзалият дода мешавад, аммо самаранокии барномавӣ-мақсаднок ҳанӯз пурра таъмин нашудааст (саҳ. 98-117).

**Боби сеюм (саҳ. 118–162)** Боби сеюм ба **самтҳои асосии такмили механизмҳои идоракунии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон** бахшида шудааст. Дар зербоби 3.1 имкониятҳои **рақамикунонии идоракунии молияи маҳаллӣ**, истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва шаффофияти раванди буҷетӣ асоснок мегарданд (саҳ. 118-143).

Дар зербоби 3.2 **роҳҳои мукаммалгардонии механизми барномавӣ-мақсаднок** пешниҳод шуда, алгоритми мониторинги иҷрои барномаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокӣ ва такмили ҳамоҳангии байнисатҳии буҷетӣ коркард карда мешаванд (саҳ. 144-162).

**Хулоса ва тавсияҳо (саҳ. 163-167)**

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, **тавсияҳои илмӣ ва амалӣ** оид ба такмили идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи пешниҳодҳо метавонад ба баланд бардоштани устувории буҷетҳои

маҳаллӣ, шаффофияти молиявӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат намояд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳкими заминаҳои илмии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, коркарди механизмҳои муосири сиёсати иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва таҳияи стратегияҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти вилоят мусоидат менамоянд.

Муқаррароти асосии диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалии ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин вазорату идораҳои соҳавӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили сиёсати молиявию буҷетӣ истифода гарданд.

Инчунин, ҷанбаҳои асосии диссертатсия метавонанд дар раванди таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимӣ, дар таҳияи барномаҳои дурнамосозии рушди иқтисодӣ, инчунин ҳамчун заминаи методологӣ ҳангоми омодасозии барномаҳои таълимӣ барои фанҳои **«Иқтисоди минтақа»**, **«Молияи давлатӣ»** ва **«Сиёсати иқтисодӣ»** дар муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ истифода шаванд.

**7. Эродҳо доир ба диссертатсия**

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур дорои як қатор бартариҳои илмӣ-амалӣ мебошад, дар раванди омӯзиши матн баъзе нуқсонҳои методологӣ, сохторӣ ва далелнокӣ низ мушоҳида гардиданд. Эродҳо ва баъзе пешниҳодот доир ба шаклгирӣ ва мазмуни диссертатсия чунинанд:

1. **Доираи масъалаҳо ва вазифаҳои таҳқиқот аз ҳад зиёд васеъ муайян гардидааст.** Дар муқаррароти муқаддимавӣ объект, предмет ва вазифаҳо ба тавре гузошта шудаанд, ки якбора чанд самти мустақил (идоракунии молияи маҳаллӣ, сиёсати буҷетӣ, фишангҳои молиявӣ, мониторинг, сармоягузорӣ ва ғ.) -ро фаро мегиранд. Ин аз васеъ буданди таҳқиқот дарак медиҳад, ки  ба мутамарказии навгониҳои илмиро таъсир гузор мебошад; мувофиқ мебуд, ки ҳудуди масъалаҳо бо дақиқ муайян кардани сатҳ, давра, нишондиҳандаҳо маҳдуд карда мешуд (саҳ. 10).

2. **Принсипҳои идоракунии молияи давлатӣ ба нишондиҳандаҳои ченшавандаи баҳодиҳӣ пайваст карда нашудаанд.** Принсипҳо (қонуният, илмият, субсидиарӣ ва ғ.) оварда мешаванд, вале ба системаи меъёр-индикатор (масалан, KPI барои самаранокӣ, шаффофият,

интизоми буҷетӣ, салоҳият ва ҷавобгарӣ) табдил дода нашудаанд. Барои пурқувват шудани навоварии методологӣ, мувофиқ мебуд принсипҳо ба механизми баҳодиҳии амалӣ гарданд (саҳ. 38).

3. **Модели сохтории механизм (расм1.6.) бештар схемавӣ буда, унсурҳои масъулият, чараёни иттилоот ва "бозгашт" кофӣ инъикос наёфтаанд.** Дар **Расми 1.6** сохтори механизм нишон дода мешавад ва ҳатто "норасоӣ" ишора мегардад, аммо ин норасоӣ бо параметрҳо, нишондиҳандаҳои ченшаванда ва сабабҳои институционалӣ пайваст карда нашудааст. Пешниҳод: ба схема блокҳои ҷавобгарӣ, кӣ масъул аст, ҷараёни иттилоот (кадом ҳисобот ва кадом платформа) ва индикаторҳои натиҷавӣ илова шаванд (саҳ.51).

4. **Таҳлили қисми даромад (иҷрои нақша) асосан тавсифӣ буда, сабабҳои институтсионалӣ-андозию молиявии ноустуворӣ амиқ кушода нашудаанд.** Аз ҷадвали марбут ба иҷрои даромадҳо бармеояд, ки вобастагӣ аз интиқолҳо (аз ҷумла субвенсияҳо) ва ноустувории иҷрои нақшаҳо ҷой дорад, аммо таҳлили таркибӣ (тафкики андозӣ,ғайриандозӣ ва интиқолҳо), баҳодиҳии хатои пешгӯӣ ва "сенарияҳои хавф" ба таври мукаммал пешниҳод нашудааст (саҳ. 89).

5. **Дар қисми моделсозӣ хавфи шарҳи сабабият аз ҳамбастагӣ, боқӣ мемонад.** Муодилаи регрессия пешниҳод мегардад, вале дар тавзеҳот масъалаҳои муҳим - монанди тағйирёбандаҳои партофташуда, эҳтимоли эндогенӣ, санҷишҳои устуворӣ, инчунин шарҳи иқтисодии аломат ва андозаи коэффициентҳо - ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд. Барои баланд кардани эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқ мебуд маҷмӯи назоратӣ ва санҷишҳои иловагӣ ворид шаванд (саҳ. 104–105).

6. **Баъзе натиҷаҳо ба усули экспертӣ такя мекунанд, аммо тартиби интихоб ва санҷиши мувофиқати андешаҳои коршиносон нокифоя нишон дода шудааст.** Масалан, дар баҳодиҳии муҳити беруна барои таъсиси "Маркази таҳлилӣ-иттилоотӣ" шумораи коршиносон маҳдуд буда, меъёрҳои интихоби онҳо, тартиби ҳисобкунии мувофиқат, ҳамназарӣ ва таҳлили хатоҳои экспертӣ пурра оварда нашудааст. Ин метавонад дараҷаи объективиятро коҳиш диҳад (саҳ. 111–112).

7. **Дар бахши пешниҳодҳо алгоритмҳо ва самтҳои такмил нишон дода мешаванд, аммо механизми татбиқ муфассал нест.** Ҷадвал ва расмҳои марбут ба алгоритми идоракунии хароҷот, мониторинги буҷет ва самтҳои такмил аз ҷиҳати ғоя арзишманданд, вале барои татбиқи амалӣ "харитаи роҳ" (марҳилаҳо, муҳлат, масъулон, манбаъҳои маблағгузорӣ, бо нуқтаи ибтидоӣ ва басомади мониторинг) ба таври стандартӣ таҳия нашудааст. Ҳамчунин, дар шарҳи усули барномавӣ-мақсаднок зарурати пайваст

карданн барномахо ба индикаторҳои натиҷавӣ ва ҳисоботдиҳӣ боз ҳам мушаххастар мегардид (саҳ. 114; 134).

**Хулоса:** Эродҳо ва мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти такмилӣ доранд ва сатҳи умумии арзиши илмӣ-амалии диссертатсияро инкор намекунанд. Бо ворид намудани дақиккориҳои методологӣ, стандартизатсияи мафҳумҳо ва мукаммалсозии механизми татбиқи пешниҳодҳо, кори диссертатсионӣ метавонад боз ҳам қавитар ва барои таҷрибаи идоракунии молияи маҳаллӣ муфидтар гардад.

**8.Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ 22 интишороти докторант, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 адади он дар дигар нашрияҳои илмӣ бо забонҳои гуногун дар ҳаҷми 8,4 ҷ.ч. вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Диссертатсияи Каримов Бахромҷон Исматуллоевич дар мавзӯи: «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон) » таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D 05.09.00 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз:, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда ба талаботи бандҳои 14 ва 15 низомномаи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Тақризро омода намуд**, н.и.и., и.в., дотсент, Азизов Сафар Ахмедшоевич дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳокима карда шуд. Суратҷаласаи кафедра №5/1, аз 25 декабри соли 2025

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласаи каафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии АИДНПҶТ иштирок доштанд: 13 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 13 нафар.

Овоз доданд: ҳа – 13 нафар, зид – 0 нафар, бертараф – 0 нафар.

**Раиси ҷаласа:** дотсенти кафедраи идораи давлати ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Асоев М.М.**

**Ташхисгар**: н.и.и., и.в., дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Азизов С.А.**

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Назарзода Н.Н.**

**Имзои "Асоев М.М., Азизов С.А. ва Назарзода Н.Н.- ро тасдиқ менамоям**,

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насруддинзода А.Н.**

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email: info@apa.tj Телефон: (+992 (37) 224-17-86